# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2019

*Дар давоми моҳҳои январ-марти соли 2019 хавфҳо дар низоми бонкӣ нисбатан бетағйир боқӣ монда, аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ талаботҳои муқарраршударо иҷро намуданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар моҳҳои январ – марти соли 2019 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ талаботи муқарраршударо таъмин намуда, ба 23,0 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,7 банди фоизӣ кам мебошад. Сармояи танзимшавандаи низоми бонкӣ, бинобар тамоюли коҳишёбӣ доштани нишондиҳандаи мазкур дар ду бонки мушкилотдор, дар муқоиса ба моҳҳои январ–марти соли 2018 ба андозаи 2,4 фоиз кам гардида, ба нисбатан паст шудани меъёри кифоятии сармоя мусоидат намуд.

1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ




**Пардохтпазирӣ.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2019 меъёри пардохтпазирӣ дар сатҳи низом тибқи талаботи муқарраршуда иҷро гардида, 70,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 11,0 банди фоизӣ кам мебошад.

Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфта низ дар низоми бонкӣ, бинобар кам шудани (16,8 фоиз) дороиҳои пардохтпазири асъорӣ коҳиш ёфта, ба 63,1 фоиз баробар гардид.

2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)




**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ, вобаста ба мутобиқ гардидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба вазъи воқеии бозор ва кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ, фаъолияти низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя мувофиқан ба 1,9 фоиз ва 7,0 фоиз баробар гардиданд, ки дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2018 мутаносибан ба андозаи 0,5 банди фоизӣ ва 1,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя



**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар семоҳаи ҳисоботӣ, бинобар назорати ичрои Нақшаи баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол барои солҳои 2017-2019 чиҳати коҳиш додани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол дар 7 бонке, ки қарзҳои ғайрифаъолашон аз 30 фоиз зиёд мебошанд, раванди беҳтаршавии сифати сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ идома ёфта, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба андозаи 4,4 б.ф. коҳиш ёфта, ба 29,2 фоиз баробар гардид. Сатҳи қарзҳои ғайрифаъол дар бонкҳо ва ТАҚХ мувофиқан 37,5 фоиз ва 4,9 фоизро ташкил намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол, бинобар коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2018 ба андозаи 15,3 банди фоизӣ афзуда, ба 81,1 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Дар семоҳаи якуми соли 2019 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, -8,6 фоизро ташкил намуд, ки меъёри муқарраршуда (К6-1)-ро таъмин менамояд.

Илова бар ин, дар давраи ҳисоботӣ 54,2 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва 50,1 фоизи пасандозҳоро пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 2,5 ва 4,9 банди фоизӣ кам мебошад.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Таҳлилҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*